Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов,64/14 хиёбони Борбад 48/5), Тел: (992) 372310843
E-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани саҳми он дар иқтисодиёти миллӣ, таъмини беҳтар ва бештари аҳолии мамлакат бо озуқа ва фаъолияти босамари корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз вазъи молиявӣ ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таъмин будани онҳо бо воситаҳои асосӣ ва гардон вобаста аст. Дар таъмини корхонаҳои кишоварзӣ бо воситаҳои асосӣ ва гардон нақши муҳимро низоми бонкӣ бо истифодаи усулҳои пешрафта ва босамари қарздиҳӣ ва дастгирии соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ иҷро менамояд.

Дар воқеъ, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, ки аксари корхонаҳои кишоварзии мамлакат бо надоштани воситаҳои худии барои таъмини рушди фаъолияти худ басанда дар вазъи молиявии ногувор қарор доранд, барои онҳо қарзи бонкӣ сарчашмаи асосии навкунии воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва пуркунии воситаҳои гардон мебошад. Чунин хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ, ба монанди мавсимӣ ва давомнокии даври истеҳсолӣ паёмадҳои ин падидаро нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ боз ҳам номатлубтар мегардонанд. Бинобар ин, имрӯз масъалаи қарздиҳии бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ мубрамии хоса касб кардааст. Аз як ҷониб, хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, ки мо номбар кардем, зарурати ҷалби захираҳои молиявии иловагиро тақозо мекунанд.

Муаллиф кушиш намудааст, ки бо мақсади таҳкими сифати автореферати диссертатсия ва мутобиқ намудани он ба талаботи муосир, ба таври васеъ ва амиқ аз адабиётҳои илмии дахлдори ватанию хориҷӣ, ҳисоботҳои омории сохторҳо ва маводи конфронсҳои сатҳи гуногун, барои тақвияти кор аз ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳамзамон ҷиҳати равшани андохтан дар низоми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ аз усулҳои таҳлилии қиёсӣ, усулҳои таҳлили оморӣ истифода намуда бошад ва чунин ҷараён аз матни диссертатсия бараъло мушоҳида мегардад.

Аз натиҷаи омӯзиши матни авторферати диссертатсия чунин маълум мегардад, ки муаллиф ба таври нозукбинона манбаъҳои интихобшударо мақсаднок истифода намуда, маълумотҳои омории таҳқиқшударо ба таври озоду фаҳмо ва мустақил мавриди таҳлили

амиқи илмӣ қарор дода, дар асоси омӯзиши таҳлил хулоса ва пешниҳодҳои дахлдори муфидро таҳия намудааст, ки аз дараҷаи боэътимодии кор собит карда мешавад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гаштаанд.

Дар фарҷом метавон андеша намуд, ки новобаста аз он, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар боби 3-юм, новобаста аз параграфҳояш як ё ду ҷадвал оидиояндабинӣ («прогнозные расчеты») таҳия карда мешу, ба манфиати кор мебуд;
2. Хулосаи авторефрати диссертатсия аз таҳлили гузаронидашуда ва натиҷаҳои таҳқиқот бароварда мешуд боз ҳам автореферати диссертатсяи сифати хуб мегардид.

Дар маҷмӯъ мӯҳтавои автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад нишон медиҳад, ки он дорои аҳамияти илмиву амалӣ буда, дар мавзуи мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи
идораи молияи Донишгоҳи инноватсия
ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон — Акимов С.М.

**Суроға:** Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, 735360 ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад, тел: (+992) 985600955. E-mail: saidjon_933208824@bk.ru

Имзои н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи идораи молияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Акимов Саидҷон Муродмадовичро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати рушди кадрҳо
ва коргузории ДИТРТ — Мухторзода С.Г.